**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст.**

Интихоби навъу намунаҳо дар минтақаҳо бо шароитҳои гуногуни парвариш ва истеҳсоли ҳосили баланд ва ба талаботи бозор ҷавобгуйи дарахтони мевадиҳанада, бо роҳи селексионӣ яке аз омилҳои ҳалкунандаи пешрафти соҳаи боғпарварӣ ба ҳисоб мераванд.

Аҳамияти ғизоию шифоӣ ва иқтисодии хурмои шарқиро, ки қисми аз минтақаҳои ҷумҳурӣ барои парвариши дарахтони субтропикӣ аз он ҷумла хурмои шарқӣ мувофиқ аст, ба инобат гирифта масоҳати боғҳо зиёд шуда истодааст. Зеро, маҳсулоти ин мева дар шакли тару тоза, хушк ва коркарди саноати хӯроквории на танҳо дар бозори дохилӣ, балки барои содирот мавқеи худро васеъ карда истодааст.

Ҳадафи асосӣ ва мазмуну муҳтавои диссертатсияи мазкур ба омӯзиши хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои нави олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ дар шароити водиҳои Ҳисор ва Вахш баҳри истифодабарии навъҳои нав дар селексия ва истеҳсолот равона карда шудааст, ки ин мубрамии тадқиқотӣ унвонҷӯ ба ҳисоб меравад.

Навгонии мавзӯи тадқиқот аз он иборат мебошад, ки гузариши марҳилаҳои фенологӣ, хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои нави хурмои шарқӣ, маҳсули дасти олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ мебошад дар шароити водиҳои Ҳисор ва Вахш муайян карда шудааст. Инчунин устувории навъҳо ба касалиҳои асосии занбуруғӣ, дараҷаи осебрасонии ҳашаротҳои зараррасон, ҳосилнокӣ,

таркиби биохимиявии мева, навъҳои барои хушконидан мувофиқ ва самарнокии иқтисодии навъҳои нави хурмои шарқӣ дар шароити минтақаҳои мазкур амалӣ карда шудаанд.

Аҳамияти тадқиқотҳои илмӣ дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои нави ояндадори дорои хусусиятҳои хос ва хушсифати навъҳои хурмои шарқӣ мебошад. Инчунин, баҳодиҳии навъҳои нави хурмои шарқӣ вобаста аз сифати моли доштанашон, устувор будан ба сарди, навъҳои барои хушкунонидан мувофиқ ва кам будани меъёри танин, ки данд (тумч) будани меваҳо аз он вобастаги дорад муайян карда шудааст.

Дар натиҷаи гузаронидани тадқиқотҳо унвонҷӯ Раҳматов С.Ҳ. навъҳои “Шарқӣ”, «Шоҳона», “Вахш” ва «Ваҳдат», ки аз ҷиҳати ҳосилнокӣ ва устуворият ба омилҳои табиӣ аз дигар навъҳо бартарӣ доштанд, ҳамчун навъҳои ояндадор ба истеҳсолот пешниҳод намудааст.

Муаллиф исбот намудааст, ки ҳосилнокии навъҳои нави омӯхташудаи хурмои шарқӣ дар дарахтони 6-8 сола дар шароити водиҳои Вахш 7,5 ва Ҳисор 20,1 т/га- ро ташкил медиҳад. Ҳосилнокии зиёд дар навъҳои Шарқӣ-9,1- 20,1 т/га, Шоҳона 7,7-15,6 т/га, Ваҳдат 7,6-19,2т/га ва Вахш 10,2-18,4т/га- ро ташкил дод, ки аз навъҳои назоратӣ аз 2,1 то 3,3 т /га (2-15%) зиёд мебошад. Инчунин нишондодҳои қанднокӣ аз 4-6 % зиёд ва миқдори танин, ки данд (тумчи) будани меваи хурмои шарқӣ аз он вобастагӣ дорад аз 0,11-0,20 % мг кам назар ба навъҳои назоратӣ мебошад.

Натиҷаҳои тадқиқот аҳамияти назариявӣ ва илмию амалӣ дошта, хулоса ва тавсияҳои пешниҳод намудаи муаллиф асоснок будани натиҷаҳои тадқиқотро нишон медиҳад.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Раҳматов Сулаймон Ҳасанович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, ходими калони илмии Маркази миллии захираҳои генетикии АИКТ — Пулодов М.

Суроға: 734027 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ҳисор, шаҳраки Шарора, маҳалаи Шодмон, куч. Сафаров Т.С.
тел: (+992) 93-827-18-34,

Имзои Пулодов М. - ро тасдиқ мекунам:
Нозир доир ба кадрҳои Маркази миллии захираҳои генетикии АИКТ — Миҷгонаи М.

**Суроғаи муассиса:**
735104, Ҷумҳурии Тоҷикистон
н. Рудакӣ, ҷамоати Сарикиштӣ,
деҳ. Маҳмадшои боло
тел.: (+992) 988-93-79-62
Почтаи электронӣ: geneticresources.tj@mail.ru

9-уми феврали соли 2026